**АКАДЕМИЯИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МАКТУБИ ИТТИЛООТӢ

Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 майи соли 2021 Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ вобаста ба проблемаҳои ҷаҳони муосир дар мавзӯи "Масоили ҷаҳонии экобиологӣ ва таъсири он ба муносибатҳои байналмилалӣ ва раванди глобализатсионӣ" баргузор менамояд. Дар Конференсияи мазкур олимон, муҳаққиқони институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилотии олии касбии дохил ва хориҷи кишвар, ҳамзамон намояндагии ҳамкорони хориҷӣ, ташкилотҳои байналмилалӣ, вазорат ва кумитаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон даъват карда мешаванд.

**Дар конференсия масъалаҳои зерин баррасӣ карда мешаванд:**

1. *Таъсири проблемаҳои экобиологӣ ба низоми навини муносибатҳои байналмилалӣ;*
2. *Ҳамкории кишварҳо баҳри ҳалли мушкилоти муосири экобиологӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ;*
3. *Нақши созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар ҳалли мушкилоти экобиологӣ;*
4. *Проблемаи оби ошомиданӣ ҳамчун мушкилоти асосии экобиологӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ;*
5. *Мавқеи Тоҷикистон дар ҳалли масоили об ва тағйирёбии иқлим;*
6. *Ҳамкории кишварҳои ҷаҳон баҳри пешгирии биовирусҳо ва моддаҳои заҳролуд;*
7. *Ковид-19 ва ҳамгироии субъектони муносибатҳои байналмилалӣ дар мубориза бо он.*

Масъулияти мақола, мавҷудияти хатоҳои имлоӣ, техникӣ, мазмунӣ ва дигар намуди хатоҳо ба зиммаи муаллиф вогузор карда мешавад.

Матни мақолаҳои иштирокчиёни конференсия, ки аз ҷиҳати мазмун ба талаботи замимашуда мувофиқат намуда, то 20 майи соли 2021 пешниҳод мегарданд, бо тавсияи ҳайати таҳририя дар шакли маҷмӯаи маводи конференсия баъди баргузорӣ нашр карда мешаванд. Бақайдгирӣ ва пешниҳоди мақола тавассути суроғаи зерин амалӣ мешавад: pdg.researchcenter@gmail.com

**Забони баргузории конференсия:** тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ
**Вақти конференсия:** соати 10:00 (ба вақти Душанбе)
**Платформаи конференсия:** Microsoft Teams
**Истиноди пур кардани саволнома барои иштирок дар конференсия:** Барои гирифтани истинод ҷиҳати иштироки онлайн ба почтаи электронии болозикр ду рӯз қабл аз баргузории конференсия муроҷиат намоед.
<u>Ҳангоми пур кардани шакли Google аккаунти Gmail лозим аст.</u>

**Суроғаи мо:** Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Саид Носир, 33
**E-mail:** pdg.researchcenter@gmail.com
**Тел.:** (+992) 901 112 002, (+992) 888 220 111, (+992) 917 604 067
**Кумитаи тадорукот**: Пажӯҳишгоҳи равандҳои сиёсӣ, дипломатия ва масоили ҷаҳонишавӣ (ошёнаи 8-ум)

## ТАЛАБОТ БАРОИ ЧОПИ МАҚОЛА

Дар ҳар як мақолаи илмии пешниҳодгардида бояд маълумоти зерин ҷой дошта бошад:

**МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФ/ МУАЛЛИФОН**

- насаб, ном ва номи падари муаллиф/ муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);
- номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – шаҳр, давлат (бо се забон);
- почтаи электронии муаллиф/муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон).

**НОМИ МАҚОЛА**

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

**КАЛИДВОЖАҲО**

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати вергул (,) ҷудо карда мешаванд.

**АННОТАТСИЯ**

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

**ОРОИШИ МАТН**

Ҳошияҳои саҳифа: 3 см - аз чап; 1 см - аз рост; 2 см - аз боло ва 2 см - аз поён.
Намуди ҳуруф: Times New Roman TJ андоза 14; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).
Фосилаи камтарини миёни сатрҳо - 1,5.
Сархат: 1,25.

Талабот ба матн ва истинодҳои дохили матн: «навъи китобӣ»; бидуни саҳифагузорӣ; бе кӯчонидани калима аз сатр ба сатр; истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ «[1]» ишора карда мешавад. Агар саҳифа дошта бошад: «[1, 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

Барномаи таҳририӣ: бастаи барномаҳои Microsoft Office - Word 2007 ва аз он боло.
Номи мақола: дар маркази сатр; бе фосила; бо ҳарфҳои калон.
Матн: баробаркунӣ – «аз рӯйи паҳно».
Ҳаҷми мақола: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ)

**ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ ФЕҲРИСТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ**

**МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО**

Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. с. 2004. №12. қ.1. мод. 699.
Баҳриддинов С.Э. Доир ба баъзе масъалаҳои назарияи пешгирии ҷиноятҷорӣ // Идоракунии давлатӣ. 2011. №1. С. 68-72.

**МОНОГРАФИЯҲО:**

Тарасова В.И. Таърихи сиёсии Амрикои Лотинӣ: китоби дарсӣ барои мактаби олӣ. – нашри 2-юм. – М.: Проспект, 2006. С. 305-412.

**АВТОРЕФЕРАТҲО**

Глухов В.А.Таҳқиқот, коркард ва бунёд кардани низоми электронии санадрасонӣ дар китобхона: Автореф. дисс. … номз. илм.техн. наук. - Новосибирск, 2000. -18 с.

**ДИССЕРТАТСИЯҲО**

Фенуҳин В.И. Низоъҳои этносиёсии дар Россияи муосир: дар мисоли минтақаи Қафқози Шимолӣ: Дисс. … номз. илм. сиёсӣ. - М., 2002. С. 54-55.

**ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ**

Иқтисодиёт ва сиёсати Россия ва давлатҳои хориҷаи наздик: шарҳи таҳлилӣ, апр. 2007 / Акад. Илм. Россия, Пажӯҳиш. Иқтисоди ҷаҳонӣ ва муносибатҳои байналмилалӣ. - М. : ПИҶМБ, 2007. - 39 с.

**МАВОДИ КОНФЕРЕНСИЯҲО**

Бостоншиносӣ: таърих ва дурнамо: маҷ.мақ. Конфр. якуми минтақавӣ. Ярославл, 2003. 350 с.

**ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ**

Смертина П. Бонкдории исломӣ ба Россия омад. [Манбаи электронӣ] //URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).